Тасдиқ мекунам,
Муовини якуми Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯро,

_____________ Давлаталӣ Саид

«29» ____05____ соли 2019

Протоколи №7

ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ

аз 24 майи соли 2019 шаҳри Душанбе

Раисикунанда, Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ - Давлаталӣ Саид.

Дар ҷаласа ҳайати Шӯро ва шахсони масъули даъватшуда иштирок доштанд.

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Баррасии пешниҳоди мақоми омори давлатӣ оид ба феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ворид намудани рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ҳисоботи омориро оид ба истеҳсолот месупоранд.

2.Масъалаҳои ҷорӣ.

Ҷаласаро Муовини якуми Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Шӯро оғоз карда, ҳозиринро бо масъалаҳои баррасишавандаи рӯзнома ва мақсади ҷаласа шинос намуданд.

Раиси Шӯро кайд намуданд, ки вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳои дахлдор ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ворид гардида, мухлати татбиқи мораторий то 1 январи соли 2021 тамдид карда шуд. Инчунин, иттилоъ дода шуд, ки ҳамарӯза шумораи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ тағйир меёбанд, корхонаҳои истеҳсолӣ зиёд мегарданд, барҳам мехӯранд, ё ин ки шакли ташкилию ҳуқуқиашонро тағйир медиҳанд, ки зарурати таҷдиди назар намудани Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолиро мунтазам тақозо менамояд.



Тибқи рӯзномаи ҷаласа, Директори Агентии омор Ҳасанзода Гулнора баромад намуда, қайд намуд, ки дар баробари субъектҳои соҳибкории мавҷуда масъалаи ба феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ ворид намудани 84 субъекти соҳибкорӣ, ки ба соҳаҳои истеҳсолӣ мансуб мебошанд ва ҳисоботи омориро оид ба истеҳсолот ба мақоми омори давлатӣ ба ҳолати 1 майи соли 2019 месупоранд, ба Шӯро пешниҳод карда шуд.

Ҳамзамон, дар ҷаласаи Шӯро масъалаи аз феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ хориҷ намудани субъектҳое, ки дар давраи татбиқи мораторий ба санҷишҳо фаъолияти худро ба самтҳои хизматрасониву савдо гузаронидаанд, ё ин ки фаъолияти худро пурра ё муваққатан қатъ намудаанд, баррасӣ гардид.

Қайд карда шуд, ки аз шумораи умумии 1973 субъекти дар феҳрист ҷойгирбуда, 17 адад фаъолияти худро пурра қатъ карда, 33 адад фаъолияти худро ба самтҳои хизматрасониву савдо ва 91 адади дигар муваққатан аз фаъолият бозмондаанд ва дар ин замина ҳисоботи шакли №1 - саноатро насупоридаанд ё сифрӣ пешниҳод менамоянд.

Бо мақсади таъмини мукаммалӣ ва эътимоднокии маълумоти омории соҳаи саноат, дар заминаи таҷрибаи мамлакатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил барои ҷамъоварии маълумоти омори соҳаи истеҳсолӣ аз соҳибкорони инфиродӣ, шакли ҳисоботи омори 1 - саноат (соҳибкори инфиродӣ) (семоҳа) таҳия карда шуд.

Оид ба масъалаҳои матраҳшаванда аъзои Шӯро, Вазири адлия – Шоҳмурод Рустам баромад намуда, дар робита ба талаботи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ" қайд кард, ки дар феҳрист он субъектҳои соҳибкорӣ бояд ҷойгир карда шаванд, ки оид ба фаъолияти истеҳсолии худ ба мақоми омори давлатӣ ҳисобот месупоранд. Субъектҳои соҳибкорие, ки ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолот намесупоранд, ё ин ки ҳисоботи омориро сифрӣ месупоранд, мувофиқи мақсад аст, ки Агентии омор бо огоҳ намудани онҳо ҷиҳати хориҷ аз феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ чораандешӣ намуда, ба Шӯро таклифҳои дахлдор манзур намояд.

Дар навбати худ, намояндаи бахши хусусӣ – роҳбари Шӯрои Иттифоқи рушди бахши хусусии Тоҷикистон, Раҷабов Ф.

пешниҳод намуд, ки мониторинги татбиқи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ гузаронида шуда, дар он фаъолияти андозсупорандагони азим, миёна ва хурд дар алоҳидагӣ таҳлил карда шаванд.

Дигар аъзои Шӯро, аз ҷумла вазирони саноат ва технологияҳои нав, молия, адлия, намояндагони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи андоз, намояндаи бахши хусусӣ –роҳбари Шӯрои Иттифоқи рушди бахши хусусии Тоҷикистон Раҷабов Ф. ва дигарон баромад карда, андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда иброз намуданд.

Раиси Шӯро қайд карданд, ки бо назардошти ба феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ворид гардидани 84 субъекти соҳибкорӣ, ки ба ҳолати 1 майи соли 2019 ҳисоботи омориро пешниҳод менамоянд, инчунин хориҷ гардидани 17 субъект бинобар сабаби қатъ гардидани фаъолият ва пешниҳод накардани ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолот, дар феҳрист 2040 субъект пешбинӣ мегардад.

**Баъд аз муҳокимаи масъалаи рӯзномаи ҷаласа мувофиқи моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ» қарорҳои зерин қабул карда шуданд:**

1. Рӯйхати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, ки ҳисобсти оморӣ оид ба истеҳсолотро месупоранд (84 адад) ва аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шӯро пешниҳод шудааст, ба Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ворид карда шавад.

2. Субъектҳои соҳибкорие, ки расман фаъолияти худро қатъ намуданд (17 адад) ва ба мақоми омори давлатӣ ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолотро намесупоранд, аз феҳрист хориҷ карда шаванд.

3. Агентии омор дар якҷоягӣ бо Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Вазорати саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ҳаматарафа таҳлилро нисбати субъектҳое, ки дар феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ҷойгир шудаанду, вале ҳисоботи оморӣ оид ба истеҳсолотро ба мақоми омори давлатӣ сифрӣ пешниҳод менамоянд (91 адад), ё ин ки муваққатан фаъолияти худро дар самти соҳаҳои савдо ва хизматрасонӣ амалӣ менамоянд (33 адад) гузаронида, аз



натиҷаащ маълумоти дахлдорро дар ҷаласаи навбатии Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ пешниҳод намояд.

4. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ:

- дар ҳамкорӣ бо Агентии омор ва Кумитаи андоз маниторинги татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ» гузаронида, баъд аз нимсолаи аввали соли ҷорӣ аз натиҷааш маълумоти заруриро ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.
- на дертар аз се рӯз субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолиро, ки нисбати онҳо қарор қабул шудааст, ба Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ворид намояд;
- ҷиҳати бештар иттилоотонии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, инчунин мақомоти санҷишӣ Феҳристи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолиро дар сомонаи расмии худ ҷойгир намуда, ташкили корҳои фаҳмондадиҳиро бо шахсони масъули мақомоти санҷишӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ ба роҳ монанд.

5.Назорати иҷрои Протоколи мазкур ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ вогузор карда мешавад.

Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, муовини Раиси Шӯро — Ф. Ҳамрализода

Аъзои Шӯро:

Вазири адлия — Р. Шоҳмурод

Вазири молия — Ф. Қаҳҳорзода

Вазири рушди иқтисод ва савдо — Н.Ҳикматуллозода

Вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ — Н. Олимзода

Вазири саноат ва технологияҳои нав — З. Файзуллозода

| | | |
|---|---|---|
| Вазири корҳои дохилӣ | | Р. Раҳимзода |
| Вазири кишоварзӣ | | И. Сатторӣ |
| Раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ | | Б. Хоҷазода |
| Раиси Шӯрои Иттифоқи рушди бахши хусусии Тоҷикистон (намояндаи бахши хусусӣ) | | Ф. Раҷабов |
| Директори Агентии омор | | Г. Ҳасанзода |
| Муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ | | Нигина Анварӣ |
| Котиби масъули Шӯро | | К. Ҳақназарзода |